**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Ахрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод гардидааст. – Душанбе, 2026. – 183 с.**

Диссертатсияи мавриди тақриз ба яке аз масъалаҳои муҳим ва то ҳол камомӯхташудаи мусиқишиносии муосири тоҷик – таҳлили мусиқишиносии бузургсилсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга “Нақши паранд”»-и композитор Фирӯз Баҳор бахшида шудааст. Кор дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар доираи барномаҳои давлатии соҳавӣ (барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025) иҷро гардида, дар ҳаҷми 183 саҳифа – муқаддима, се боб (13 фасл ва 2 зерфасл), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт таълиф ёфтааст.

Заминаи манбаъшиносии таҳқиқотро беш аз 180 сарчашмаи илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, инчунин маводи нотавии худи бузургсилсила (нашри Берлин, Peermusic classic, 2013) ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути 10 интишорот, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як маҷмуаи нотавӣ, инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (2018-2025), форуми байналмилалӣ (2024) ва озмунҳои байналмилалии композиторӣ (Санкт-Петербург, Москва) ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд.

**Мубрамияти мавзуъ** аз чанд ҷиҳат асоснок аст. Аввалан, мусиқии бисёрасраи касбии тоҷик дар асли худ бар сохтори монодӣ устувор аст, аз ин рӯ полифония дар фарҳанги мусиқии тоҷик падидаи нав – зодаи эҷодиёти композиторони асри XX – маҳсуб меёбад. Омӯзиши роҳ ва усулҳои азхудкунии тафаккури полифонӣ аз ҷониби композитори тоҷик масъалаи бунёдии назарияи мусиқии миллӣ боқӣ мемонад.

Сониян, бузургсилсилаи «Нақши паранд» ягона намунаи ин жанри мураккаби полифонӣ дар тамоми мусиқии композитории Тоҷикистон буда, ҳамзамон яке аз қуллаҳои мусиқии фортепианоии миллӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди аҳаммияти бадеӣ ва таърихии худ, ин асар то замони таҳқиқоти мазкур

мавзуи ягон пажӯҳиши хосси мусиқишиносӣ қарор нагирифта буд. Довталаб дараҷаи коркарди мавзуъро дуруст муайян карда, нишон додааст, ки ҳатто таҳқиқоти П. Тончук, ки унвони асари Баҳорро ба сарлавҳаи худ баровардааст, моҳияти бузургсилсиларо накушодааст. Бо ин роҳ муаллиф холигоҳи воқеии илмиро ошкор намуда, интихоби мавзуъро то қадри имкон асоснок мекунад (Дисс., саҳ. 4).

Дар шароити имрӯзаи рушди санъатшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳанги мусиқии тоҷик мубрамияти таҳқиқот боз ҳам меафзояд, зеро он ҳамҷошавии анъанаи полифонии академӣ бо асосҳои лаҳнӣ-зарбии мусиқии суннатии тоҷик (Фалак, мақом, арӯз) ва муаррифии онро ба арсаи байналмилалии санъати мусиқӣ дар мадди назар дорад.

**Навигарии илмии диссертатсия** равшан ва аз чанд паҳлӯ асоснок аст. Дар таҳқиқот барои нахустин бор:

– услуби полифонии композитор Фирӯз Баҳор ҳамчун падидаи яклухти эҷодӣ дар мусиқишиносӣ талқин ва ба гардиши илмӣ ворид карда мешавад;
– бузургсилсилаи «24 прелюдия ва фуга “Нақши паранд”» ба таҳлили мукаммали мусиқишиносӣ кашида шуда, дар асоси он талқини жанри бузургсилсилаи полифонӣ аз ҷониби композитори тоҷик муайян мегардад;
– радабандии (таснифоти) силсилаҳои хурди полифонӣ аз рӯйи асос ва усули ҳалли композитсионӣ – навъҳои академӣ ва миллӣ, бо сохторҳои «кушода» ва «пӯшида» – пешниҳод мешавад;
– як қатор навъҳои нави жанрии фуга муайян ва номгузорӣ карда мешаванд: фуга-мутақориб (фугаи арӯзӣ), фуга-равона, фуга-рапо, фуга-бепарвофалак, фугаи ҷазӣ, фугаи портретӣ ва фугаи орнитологӣ.

Махсусан бомароми илмӣ ҷалби системаи шеърии арӯз (баҳри мутақориб) ба бофти фугавӣ дар силсилаи Des-dur (№15), бахшида ба Ҳаким Фирдавсӣ, аст, ки онро довталаб эҳтимолан нахустин таҷриба дар таърихи полифония арзёбӣ мекунад. Ин дарёфт идомаи анъанаи шоҳномахонӣ дар мусиқии композиторӣ тоҷикро дар қолаби нави полифонӣ нишон медиҳад ва саҳми воқеии муаллиф дар илм маҳсуб меёбад.

**Аз ҷиҳати назариявӣ диссертатсия** чаҳорчӯбаи таҳлили жанри бузургсилсилаи полифониро дар заминаи мусиқии композиторӣ тоҷик такмил дода, мафҳумҳои «силсилаи хурд», «бузургсилсила», «полифонияи

муосир», «сароҳанг-туғро», «фугаи миллӣ» ва «фугаи тоҷикӣ»-ро ба контексти мусиқишиносии ватанӣ татбиқ менамояд. Хулосаҳои кор барои омӯзиши минбаъдаи тафаккури полифонии композиторони тоҷик ва назарияи синтези мусиқии академӣ бо мусиқии суннатӣ заминаи мӯътамад фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот низ возеҳ аст. Натиҷаҳои онро дар таълими фанҳои «Полифония», «Адабиёти мусиқӣ», «Таърихи мусиқӣ», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ», «Таърихи пианизм», инчунин дар синфҳои ихтисоси фортепиано ва мусиқишиносии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст. Арзиши амалии кор бо он тақвият меёбад, ки худи довталаб таҷрибаи таълифӣ дорад ва натиҷаҳоро тайи солҳои 2018–2026 бевосита дар ҷараёни таълими фанни «Полифония» дар Консерваторияи миллӣ татбиқ намудааст. Маҷмуаи нотавии нашркардаи муаллиф ин паҳлуи амалиро мукаммал мегардонад.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони **«Рушди жанри силсилаи полифонӣ дар мусиқии композитории ҷаҳон ва Тоҷикистон – заминаи ташаккули бузургсилсила»** аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва таърихӣ дошта, ҳамчун пояи консептуалии таҳқиқоти минбаъда хизмат мекунад. Муаллиф дар ин боб доираи васеи сарчашмаҳои илмии мусиқишиносии ватанию хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, равандҳои асосии ташаккул ва рушди жанри бузургсилсилаи полифониро аз асри XVIII то ибтидои асри XXI ба таври пайдарпай ва мантиқӣ баррасӣ намудааст (Дисс., саҳ. 10).

Дар фасли якуми боб хусусиятҳои ташаккули жанри бузургсилсила дар мусиқии академии ҷаҳон таҳлил гардидаанд. Муаллиф бо такя ба назарияҳои мусиқишиносони маъруф, аз ҷумла С. Танеев, Э. Курт, С. Скребков, В. Протопопов, Т. Дубравская, А. Милка, инчунин таҳқиқоти навини К.В. Дискин, масъалаҳои марбут ба пайдоиш, таҳаввул ва рушди жанри прелюдия ва фуга, мафҳумҳои «силсилаи хурд» ва «бузургсилсила»-ро баррасӣ кардааст. Қобили зикр аст, ки муаллиф истилоҳоти илмии мавҷударо таҳлил намуда, бо такя ба консепсияи Т. Ливанова онҳоро барои таҳқиқоти худ мутобиқ ва асоснок истифода мебарад. Ин амал аз муносибати мустақилона ва методологии муҳаққиқ шаҳодат медиҳад (Дисс., саҳ. 11).

Дар ҳамин фасл нақши таърихии И.С. Бах ҳамчун бунёдгузори намунаи классикии бузургсилсилаи полифонӣ ба таври муфассал нишон дода шуда, ҳамзамон идомаи ин анъана дар осори композиторони асрҳои минбаъда, аз

ҷумла К. Черни, Д. Шостакович, Р. Шедрин, Г. Мушел ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф на танҳо роҳи рушди жанрро нишон медиҳад, балки хусусиятҳои жанрии бузургсилсиларо ҷамъбаст намуда, як қатор аломатҳои устувори онро муайян месозад, ки барои таҳлили минбаъдаи асари Фирӯз Баҳор аҳаммияти калидӣ доранд (Дисс., саҳ. 15).

Ҷанбаи муҳими дигари фасли мазкур таҳлили масъалаи фугаи ҷазӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз корҳои илмии У. Сарджент, В.С. Чувилкин ва дигар муҳаққиқон пайдоиш ва рушди ин падидаи жанриро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойгоҳи онро дар таҳаввули полифонияи муосир нишон медиҳад. Ин бахш доираи таҳқиқотро васеъ намуда, робитаи жанри фуга бо равандҳои нави фарҳанги мусиқии асрҳои XX–XXI-ро равшан месозад.

Фасли дуюми боб ба таҳаввули жанрҳои полифонӣ дар мусиқии композитории тоҷик бахшида шудааст. Дар ин ҷо муаллиф бори нахуст роҳи ташаккули жанрҳои полифонӣ дар эҷодиёти композиторони тоҷикро ба таври низомманд ҷамъбаст менамояд. Аз осори Александр Ленский ва Амон Ҳамдамов оғоз намуда, то намояндагони наслҳои баъдӣ, аз ҷумла Ё. Сабзанов, Ш. Сайфиддинов, А. Ёдгоров, М. Атоев, А. Солиев, Д. Дӯстмуҳаммадов, Л. Толис, М. Ҳасанова, З. Раҳимӣ ва дигарон, саҳми ҳар як композитор дар рушди тафаккури полифонӣ ва жанри фуга нишон дода шудааст (Дисс., саҳ. 24).

Аҳаммияти илмии ин фасл пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф на танҳо маълумоти таърихиро ҷамъоварӣ кардааст, балки хусусиятҳои услубӣ, жанрӣ ва композитсионии осори полифонии композиторони тоҷикро таҳлил намуда, равандҳои асосии миллӣ гардидани жанрҳои полифонии аврупоиро дар муҳити мусиқии тоҷик муайян менамояд. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки то пайдоиши бузургсилсилаи «Нақши паранд» дар мусиқии касбии тоҷик заминаи муайяни жанрӣ, услубӣ ва техникӣ ташаккул ёфта буд.

Дар маҷмӯъ, боби якум дорои аҳаммияти назариявӣ ва таърихии муҳим буда, ҳамчун заминаи илмӣ-методологии таҳлили бевоситаи бузургсилсилаи 24 прелюдия ва фугаи «Нақши паранд» хизмат мекунад. Мантиқи баёни мавод, пайдарпайии таҳлил, истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд (Дисс., саҳ. 4-45).

**Боби дуюм – «Силсилаҳои хурди навъи академӣ дар бузургсилсилаи “Нақши паранд”: ҳалли композитсионӣ-драматургӣ»** қисми асосии таҳлилӣ ва яке аз муҳимтарин бахшҳои диссертатсия ба шумор меравад. Дар ин боб муаллиф 13 силсилаи хурди навъи академиро аз дидгоҳи сохтор, драматургия, жанр ва забони мусиқӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор додааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки Фирӯз Баҳор дар доираи жанри прелюдия ва фуга танҳо ба қолабҳои суннатии полифония маҳдуд нашуда, балки имкониятҳои васеи шаклсозӣ ва навоварии жанриро истифода намудааст. Аз ин рӯ, силсилаҳои хурди академӣ аз рӯйи хусусиятҳои жанрӣ ба гурӯҳҳои классикӣ, ғайриклассикӣ, импровизатсионӣ, ҷазӣ, авангардӣ ва портретӣ ҷудо гардида, ҳар яке бо далелҳои мушаххаси таҳлилӣ асоснок карда шудаанд (Дисс., саҳ. 46).

Дар ҷараёни таҳлил муаллиф хусусиятҳои сохтории прелюдия ва фугаҳои алоҳидаро ошкор намуда, нақши унсурҳои классикии полифонӣ, аз қабили экспозитсия, интермедия, стретто, контрапункт, ракоход, канон ва дигар воситаҳои рушди полифониро дар ташаккули драматургияи асарҳо нишон медиҳад. Хусусан таҳлили силсилаҳои классикӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи баланди азхудкунии анъанаҳои фугаи академӣ аз ҷониби композитор муайян карда шавад. Дар баробари ин, муаллиф нишон медиҳад, ки ҳатто дар асарҳои аз нигоҳи шакл классикӣ низ Фирӯз Баҳор ба ҷустуҷӯҳои нави композитсионӣ рӯ оварда, унсурҳои вариатсионӣ, рондоӣ ва драматургияи инфиродиро ба кор бурдааст.

Арзиши илмии боб махсусан дар таҳлили силсилаҳои портретӣ зоҳир мегардад. Муаллиф истифодаи сароҳанг-туғро (монограмма)-ҳоро ҳамчун воситаи муҳими ташаккули образи композиторони бузург баррасӣ намуда, нақши монограммаҳои B-A-C-H ва D-Es-C-H-ро дар таҷассуми симоҳои И.С. Бах ва Д.Д. Шостакович бо далелҳои назариявӣ ва таърихӣ шарҳ медиҳад. Дар ин замина робитаи байни анъанаҳои полифонии ҷаҳонӣ ва тафаккури инфиродии Фирӯз Баҳор ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Ҳамчунин таҳлили силсилаҳои бахшида ба А. Веберн ва О. Мессиан имконият медиҳад, ки муносибати композитор ба равияҳои авангардии асри XX ва усулҳои муосири тафаккури полифонӣ муайян карда шавад.

Таҳқиқи силсилаҳои ҷазӣ ва авангардӣ низ аз дастовардҳои муҳими боб маҳсуб меёбад. Муаллиф нишон медиҳад, ки Фирӯз Баҳор унсурҳои ҷаз, техникаҳои сериявӣ, додекафонӣ, пуантилистӣ, сонорӣ ва алеаториро дар доираи жанри фуга бо маҳорати баланд мутобиқ сохтааст. Ин хулоса барои

муайян намудани гуногунрангии услубии бузургсилсилаи «Нақши паранд» аҳаммияти махсус дорад ва ҷаҳонбинии фарохи эҷодии композиторро тасдиқ менамояд.

Бартарии дигари боб истифодаи васеи маводи нотавӣ, ҷадвалҳои таҳлилӣ ва шарҳҳои муфассали сохторӣ мебошад. Ҷадвалҳои экспозитсионӣ, нақшаҳои шаклӣ ва мисолҳои сершумори нотавӣ ба асоснокии хулосаҳои пешниҳодшуда мусоидат намуда, сатҳи баланди омодагии назариявӣ ва таҳлилии муаллифро дар соҳаи полифония, шаклшиносӣ ва драматургияи мусиқӣ нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, боби дуюм саҳми муҳимми илмӣ дар омӯзиши хусусиятҳои композитсионӣ-драматургии бузургсилсилаи «Нақши паранд» ба ҳисоб рафта, нақши Фирӯз Баҳорро ҳамчун яке аз композиторони барҷастаи полифонисти тоҷик ва эҷодкори дорои тафаккури васеи академии муосир равшан месозад. Хулосаҳои пешниҳодшуда бо далелҳои мусиқишиносӣ, таҳлилҳои муфассали сохторӣ ва мисолҳои мушаххаси нотавӣ пурра асоснок гардида, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқотро афзун менамоянд.

**Боби сеюм – «Таркиботи жанрӣ ва ҳалли композитсионӣ-драматургӣ дар силсилаҳои хурди навъи миллӣ»** – яке аз муҳимтарин ва навоваронатарин бахшҳои таҳқиқот маҳсуб меёбад, зеро маҳз дар ин қисмат хусусиятҳои миллӣ ва инфиродии тафаккури эҷодии Фирӯз Баҳор бо равшанӣ ва амиқии бештар ошкор мегарданд. Муаллиф дар асоси таҳлили муфассали ёздаҳ силсилаи хурд нишон медиҳад, ки чӣ гуна жанри суннатан академии прелюдия ва фуга метавонад бо унсурҳои мусиқии миллӣ ғанӣ гардонида шуда, ба шакли нави тафаккури полифонии тоҷикӣ табдил ёбад (Дисс., саҳ. 110).

Дар фасли якум силсилаҳои хурде мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ба мусиқии суннатии тоҷик такя мекунанд. Дар ин замина нақши жанрҳои фалак, чормақом, равона, уфар ва дигар унсурҳои лаҳнӣ ва зарбии мусиқии тоҷик дар ташаккули маводи мавзӯӣ ва рушди драматургии асарҳо ба таври муфассал нишон дода шудааст. Муаллиф собит менамояд, ки иқтибос ва истифодаи маводи фолклорӣ дар эҷодиёти Фирӯз Баҳор хусусияти зоҳирӣ надошта, балки ҳамчун ҷузъи фаъоли тафаккури композитсионӣ амал мекунад. Махсусан таҳлили силсилаҳои cis-moll ва B-dur нишон медиҳад, ки композитор бо истифода аз унсурҳои мусиқии мардумӣ на танҳо ранги миллӣ, балки низоми махсуси драматургӣ ва образии асарҳоро ташаккул медиҳад.

Фасли дуюм ба силсилаҳои хурде бахшида шудааст, ки дар заминаи мусиқии халқҳои дигар офарида шудаанд. Таҳлили силсилаҳои вобаста ба симоҳои эҷодии Комитас ва Бела Барток аҳаммияти махсус дорад. Муаллиф нишон медиҳад, ки Фирӯз Баҳор дар таҷассуми ин шахсиятҳо аз хусусиятҳои мусиқии халқии арманӣ ва венгерӣ истифода намуда, робитаи амиқи байни фарҳанги миллӣ ва тафаккури касбии композиториро инъикос кардааст. Ин бахш доираи ҷаҳонбинии эҷодии композитор ва муносибати эҳтиромомези ӯро нисбат ба мероси мусиқии халқҳои гуногун нишон медиҳад.

Дар фасли сеюм силсилаҳои хурди навъи декламатсионӣ-импровизатсионӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф бо далелҳои мушаххас нишон медиҳад, ки чӣ гуна хусусиятҳои интонатсионии нутқи тоҷикӣ, тарзи иҷрои суннатии овозӣ ва усулҳои импровизатсионии мусиқии мардумӣ метавонанд дар қолаби жанри фуга таҷассум ёбанд. Таҳлили прелюдия ва фугаи E-dur ва дигар намунаҳои ин гурӯҳ барои муайян намудани роҳҳои мутобиқсозии тафаккури миллӣ ба шаклҳои мураккаби полифонии академӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин замина муаллиф масъалаи ҳамзистии унсурҳои миллӣ ва техникаҳои муосири композиториро бомуваффақият шарҳ медиҳад (Дисс., саҳ. 129).

Фасли чаҳорум ба силсилаҳои хурди портретӣ бахшида шудааст. Дар маркази таҳлил симои Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ қарор дорад, ки ҳамчун ягона образи адабӣ дар бузургсилсила таҷассум ёфтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки композитор барои инъикоси шахсияти шоир ва муҳтавои маънавии «Шоҳнома» аз усулҳои махсуси драматургӣ, декламатсионӣ ва образофаринӣ истифода кардааст. Ин таҳлил робитаи байни адабиёти классикии тоҷик ва тафаккури мусиқии муосирро равшан месозад (Дисс., саҳ. 144).

Арзиши илмии асосии боби мазкур дар он ифода меёбад, ки маҳз дар ҳамин ҷо консепсияи «фугаи тоҷикӣ» ҳамчун яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқот шакл мегирад. Муаллиф дар асоси таҳлили васеи маводи мусиқӣ нишон медиҳад, ки фуга дар эҷодиёти Фирӯз Баҳор танҳо шакли иқтибосшудаи анъанаи аврупоӣ нест, балки жанрест, ки метавонад хусусиятҳои лаҳнӣ, зарбӣ, драматургӣ ва образии мусиқии миллии тоҷикро дар худ таҷассум намояд. Бо ҳамин роҳ, мафҳуми «фугаи тоҷикӣ» ҳамчун падидаи воқеии фарҳанги композиторӣ асоснок гардидааст.

Дар маҷмуъ, боби сеюм дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи роҳҳои миллӣ гардондани жанрҳои полифонии академӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад. Хулосаҳои

пешниҳодшуда мантиқан аз таҳлили муфассали матни мусиқӣ бармеоянд ва барои рушди минбаъдаи мусиқишиносии тоҷик, бахусус дар самти омӯзиши полифонияи миллӣ, аҳаммияти муҳим доранд.

**Хулосаи умумӣ** ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ба сохтор ва муҳтавои тамоми диссертатсия пурра мутобиқат намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври мантиқӣ ҷамъбаст менамоянд. Дар ин бахш муаллиф муҳимтарин дастовардҳои илмии худро дар самтҳои асосии таҳқиқот — лаҳншиносӣ, зарбу вазн, жанршиносӣ, робитаҳои таърихии жанри полифонӣ, масъалаҳои портретсозии мусиқӣ ва хусусиятҳои композитсионӣ-драматургии бузургсилсилаи «Нақши паранд» — ба низом даровардааст. Хулосаҳо аз таҳлили муфассали маводи мусиқӣ бармеоянд ва бо далелҳои назариявию амалӣ асоснок гардидаанд (Дисс., саҳ. 157).

Қобили зикр аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо муҳтавои бобҳои диссертатсия ва хулосаҳои ниҳоӣ ҳамоҳангии комил дошта, дараҷаи баланди мантиқӣ ва илмии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Аз ин рӯ, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда натиҷаи мантиқии тамоми таҳқиқот буда, саҳми илмии муаллифро дар омӯзиши жанри бузургсилсилаи полифонӣ ва масъалаҳои ташаккули «фугаи тоҷикӣ» ба таври возеҳ инъикос менамоянд.

Дар баробари арзёбии баланди диссертатсия, ҳамчун муқарриз **чанд эрод ва мулоҳизаро** баён менамоем, ки хусусияти баҳсӣ-методӣ доранд ва арзиши умумии корро паст намекунанд:

1. Дар кор «дид», «ният» ва «огаҳона» будани амалҳои композитор борҳо таъкид мегардад, ҳол он ки манбаи асосии муайянсозии нияти муаллиф ба як мусоҳибаи соли 2016 ва китоби биографии Э. Гейзер маҳдуд аст. Тавсия мешавад, ки сарҳади байни нияти ҳуҷҷатноки муаллиф ва тафсири таҳлилии худи довталаб методологӣ равшантар гузошта шавад, то атрибутсияи қасдмандӣ ба композитор асосноктар ҷилва намояд.

2. Таснифоти пешниҳодшудаи навъҳои фуга, ки яке аз навгониҳои асосии кор аст, дар асосҳои гуногун сурат гирифтааст: баъзе навъҳо аз рӯйи манбаи лаҳнӣ-этникӣ, баъзе аз рӯйи асоси зарбӣ-усулӣ, баъзе аз рӯйи характери портретӣ ва баъзе аз рӯйи техникаи композитсионӣ ҷудо мешаванд. Набудани як меъёри ягонаи таснифотӣ метавонад мантиқи типологияро суст созад; ҷобаҷогузории ин навъҳо дар як қолаби ягонаи таснифотӣ кори мазкурро мукаммалтар мегардонд.

3. Дар мавриди асосҳои лаҳнии миллӣ, гузариш аз ҳузури аломатҳои лаҳнҳои табиӣ (фригӣ, дорӣ, лидӣ) ба хулосаи истифодаи огоҳонаи системаи «чормуқоми Фалак» аз ҷониби композитор баъзан асоснокии кофии этномузикологӣ намеёбад. Барои тақвияти ин қисмат муқоисаи бевоситаи матни мусиқии бузургсилсила бо намунаҳои сабтшудаи Фалак ва мақом, инчунин такя ба сарчашмаҳои назарии мақомшиносӣ судманд мебуд.

4. Довталаб нодиротӣ (нодирӣ) ва беҳамтоии ҳалли композитсионии Баҳорро эътироф намуда, муқоисаи муфассал бо асарҳои дигар композиторонро аз доираи ҳадафи кор берун медонад. Аммо барои исботи воқеии беҳамтоӣ, як муқоисаи фишурдаи системавӣ (масалан, бо «24 прелюдия ва фуга»-и Г. Мушел ё Д. Шостакович, ҳатто дар шакли ҷадвали муқоисавӣ) даъвои навигариро аз сатҳи изҳор ба сатҳи исбот мебаровард.

5. Дар рӯйхати адабиёт барои як қатор мафҳумҳои назариявӣ (додекафония, какофония, пуантилизм, муҳри Бах) такя ба манбаъҳои интернетии дараҷаи дуюм (Wikipedia, Scribd, LiveJournal) ба назар мерасад, ки барои сатҳи рисолаи докторӣ матлуб нест ва бо манбаъҳои тахассусӣ иваз кардани онҳо беҳтар мебуд. Ҳамчунин дар рӯйхат такрор ва номувофиқатии библиографӣ ҷой дорад (масалан, диссертатсияи В.С. Чувилкин дар мавқеъҳои 155 ва 184 бо нишондоди шаҳрҳои гуногун; китоби У. Сарджент дар мавқеъҳои 161 ва 185, инчунин омезиши маълумоти Sterrs ва Sargeant), ки таҳрири техникиро тақозо менамояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва баҳсӣ дошта, ба арзиши илмии диссертатсия ва дурустии хулосаҳои асосии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзӯи **«Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано»** таҳқиқоти мукаммали мустақили илмӣ буда, дорои навигарии равшани илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Кор аз ҷиҳати сохтор мукаммал, аз ҷиҳати методологӣ устувор ва аз ҷиҳати таҳлилӣ амиқ аст; мақсаду вазифаҳои гузошташуда пурра ҳал гардида, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок ва эътимодноканд. Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интишорот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ва иштирок дар чорабиниҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба қадри кофӣ апробатсия шудаанд. Мундариҷаи автореферат (ё чакида) ба муҳтавои диссертатсия мувофиқ аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморам, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267), ки нисбат ба рисолаҳои илмии барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) пешниҳодшаванда муқаррар гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ** сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои санъатшиносӣ,
профессори кафедраи таърих,
назария ва методикаи таълими мусиқии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» Худойбердиев С.

«10» июни соли 2026

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в. Суғд, ш. Хуҷанд, м/н 19, хонаи 3, хуҷраи 172
E-mail: hunarmand@mail.ru
Тел.: (+992) 92-716-17-57.

Имзои С. Худойбердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: rector@hgu.tj
Тел.: (992-3422)6-52-73

«12» июни соли 2026